# ВАЗОРАТИ МОЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**ФАРМОИШ**

**аз «23» 02 соли 2024** **№29**

Дар бораи Дастурамал оид ба таҳияи нишондиҳандаҳои Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2025-2027 (марҳилаи 1)

Мутобиқи моддаи 37 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва банди 12 Низомномаи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 апрели соли 2015, №187 тасдиқ гардидааст,

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Дастурамал оид ба таҳияи нишондиҳандаҳои Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2025-2027 (марҳилаи 1) тасдиқ карда шавад (замима мегардад).
2. Дастурамали мазкур барои корбарӣ ба вазорату идораҳои дахлдор ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ирсол карда шавад.
3. Сардорони сарраёсат, раёсат ва шуъбаҳои дастгоҳи марказӣ, сарраёсат ва раёсатҳои Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо вазифадор карда шаванд, ки ҷиҳати риояи Дастурамали мазкур чораҳои зарурӣ андешида, дар мӯҳлатҳои муқарраршуда маълумоти заруриро ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намоянд.
4. Сохторҳои дахлдори Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки масъули банақшагирии даромад ва хароҷот мебошанд, маълумоти заруриро оид ба таҳияи буҷет дар мувофиқа бо сарпарастони соҳа барои муайян намудани ҳадди ниҳоии даромад ва хароҷоти буҷети давлатӣ (аз рӯйи

буҷетҳои ҷумҳуриявӣ, маҳаллӣ, маблағҳои махсус ва лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ) таҳия намуда, рақамҳои ҷамъбастиро ба сарраёсати буҷети давлатӣ пешниҳод намоянд.

5. Сарраёсатҳои буҷети давлатӣ ва сиёсати андоз ва пардохтҳои давлатӣ ҳадди ниҳоии даромад ва хароҷоти буҷети давлатиро барои баррасӣ ба Гурӯҳи кории байниидоравии буҷетии назди Вазорати молия дар мӯҳлатҳои муқarrashуда пешниҳод намоянд.

6. Бо мақсади саривақт таҳия намудани лоиҳаи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2025 ва нишондиҳандаҳои он барои солҳои 2026-2027 сарраёсатҳои буҷети давлатӣ ва сиёсати андоз ва пардохтҳои давлатӣ ҳангоми ба вуҷуд омадани зарурат метавонанд маълумоти иловагиро талаб намоянд.

7. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи роҳбари Гурӯҳи кории байниидоравии буҷетии назди Вазорати молия вогузор карда шавад.

Вазир Ф. Қаҳҳорзода

Замима
ба фармоиши Вазорати молияи
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз ___ феврали соли 2024, №___

# Д А С Т У Р А М А Л
**оид ба таҳияи нишондиҳандаҳои Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2025-2027**
**(Марҳилаи 1)**

ш. Душанбе 2024

**МУНДАРИҶА**


**1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ........................................................................ 3**

**2. НАҚШАИ ТАҚВИМИИ ТАҲИЯИ НИШОНДИҲАНДАҲОИ БУҶЕТИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛҲОИ 2025-2027... 6**

**3. СОХТОРИ ЛОИҲАИ САМТҲОИ АСОСИИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯВИЮ БУҶЕТӢ ВА АНДОЗӢ БАРОИ СОЛҲОИ 2025-2027 ........................................ 8**

**4. ТАШКИЛИ ҶАРАЁНИ МАРҲИЛАИ СТРАТЕГИИ БАНАҚШАГИРИИ БУҶЕТ АЗ РӮИ СОҲАҲО........................................................................ 10**

**5. ҲИСОБИ БУҶЕТИ ЗАМИНАВӢ ........................................................................ 11**

**6. ДАРХОСТҲО БАРОИ МАБЛАҒГУЗОРИИ ТАШАББУСИ НАВ.......... 12**

**7. ҲИСОБҲО ВА ТАҚСИМОТИ ҲАДДИ НИҲОИИ ХАРОҶОТ АЗ РӮЙИ СОҲАҲО........................................................................ 14**

**8. МУҲОКИМАИ БУҶЕТӢ ........................................................................ 15**

**10. ТАРТИБИ ТАҲИЯИ ДУРНАМОИ ДАРОМАДИ БУҶЕТИ ДАВЛАТӢ 16**

**Замимаи 1. Дурнамои даромади буҷети давлатӣ........................................ 17**

**Замимаи 2. Стратегияи миёнамуҳлати хароҷоти соҳа ................................ 19**

**Замимаи 3. Ҳадди нихоии харочот.................................................................. 277**

**Шакли 3.2 Тақсимоти ҳадди ниҳоии соҳавӣ аз рӯи ТАМБ бахш................ 288**

# 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Дастурамал оид ба таҳияи нишондиҳандаҳои Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2025-2027 (Марҳилаи 1) (минбаъд Дастурамал) ҷиҳати иҷрои моддаи 37 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо назардошти амалӣ намудани Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, барномаҳои давлатӣ, супоришҳои протоколии маҷлисҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия карда шудааст.

2. Мувофиқи моддаи 38 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» чараёни таҳияи лоиҳаи буҷети давлатӣ дар ду марҳила амалӣ карда мешавад.

- дар марҳилаи якум Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иштироки Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату идораҳои дахлдор лоиҳаи самтҳои асосии сиёсати давлатии молиявию буҷетӣ ва андозиро барои давраи банақшагирии буҷет (дар асоси принсипҳо ва шакли барномаи миёнамуҳлати хароҷоти давлатӣ) таҳия намуда, барои баррасӣ ба Комиссияи доимоамалкунандаи буҷетии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд.

- марҳилаи дуюм аз таҳияи муфассали лоиҳаи буҷети давлатӣ иборат буда, дар заминаи самтҳои асосии сиёсати давлатии молиявию буҷетӣ ва андозии аз ҷониби Комиссияи доимоамалкунандаи буҷетии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маъқулдонисташуда ва тақсимоти ҳадди ниҳоии хароҷот барои тақсимкунандагони асосии маблағҳои буҷетӣ (минбаъд ТАМБ) амалӣ карда мешавад.

3. Дастурамали мазкур тартиби амалӣ намудани марҳилаи якуми банақшагирии лоиҳаи буҷети давлатӣ, яъне таҳияи Самтҳои асосии сиёсати давлатии молиявию буҷетӣ ва андозиро барои солҳои 2025–2027 муайян намуда, давраи аз 1 феврал то 30 июни соли 2024-ро дар бар мегирад.

4. Самтҳои асосии сиёсати давлатии молиявию буҷетӣ ва андозӣ барои давраи миёнамуҳлат дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерин таҳия мегардад:

- қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет», «Дар бораи боҷи давлатӣ»;
- кодексҳои андоз ва гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- фармон, амр, паём ва супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- қарор ва фармоишҳои Ҳукумати Ҷумҳуриии Тоҷикистон;
- Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025;
- барнома ва стратегияҳои соҳавӣ ва минтақавӣ;

- барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ;

- баҳодиҳии пешакии нишондиҳандаҳои асосии макроиқдисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дурнамои ин барои ду соли минбаъда;

- таҳлил, мониторинг ва баҳодиҳии иҷрои буҷет.

5. Таҳияи лоиҳаи Самтҳои асосии сиёсати давлатии молиявию буҷетӣ ва андозӣ барои давраи миёнамуҳлат аз ҷониби Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллӣ Тоҷикистон ва вазорату идораҳои дахлдор, ки барои омода намудани дурнамои рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар, нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодӣ, қурби асъор, таваррум, тағйирёбии тарофаҳо барои хизматрасонии субъектҳои монополияҳои табиӣ ва дигар хизматрасониҳои коммуналӣ ваколатдор мебошанд, амалӣ карда мешавад.

6. ТАМБ, ки барои таҳия ва татбиқи сиёсати давлатӣ дар самтҳои дахлдори соҳаи буҷетӣ масъуланд (минбаъд ТАМБ-и пешбаранда) чунин муайян шудаанд:

Ҷадвали №1. Самтҳои асосии сиёсати хароҷоти буҷети давлатӣ

| **Соҳа** | **Самтҳои асосии сиёсати хароҷоти давлатӣ** | **Вазорату идораҳои ҳамоҳангсоз** |
|---|---|---|
| 2. Мудофиа | 1. Мудофиа | Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 3. Мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва тартиботи ҳуқуқӣ | 2. Тартиботи ҷамъиятӣ | Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| | 3. Сиёсати адлия | Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| | 4. Амнияти миллӣ | Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 4. Маориф | 5. Маориф ва илм | Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 5. Тандурустӣ | 6. Тандурустӣ | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 6. Суғуртаи иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ | 7. Суғуртаи иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон<br>Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа назди Ҳукумати умҳурии Тоҷикстон |
| 7. ХМК, муҳити зист ва хоҷагии ҷангал | 8. Муҳити зист | Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати умҳурии Тоҷикстон |

| | | |
|---|---|---|
| | 9. Хоҷагии ҷангал | Агентии хоҷагии ҷангали назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикстон |
| 8. Фарҳанг ва варзиш | 10. Варзиш | Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати умҳурии Тоҷикстон |
| | 11. Фарҳанг | Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| | 12. Дин | Кумитаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросими назди Ҳукумати умҳурии Тоҷикстон |
| | 13. Сайёҳӣ | Кумита рушди сайёҳии назди Ҳукумати умҳурии Тоҷикстон |
| 9. Комплекси сӯзишворию энергетикӣ | 14. Комплекси сӯзишворӣ | Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| | 15. Комплекси энергетикӣ | Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 10. Кишоварзӣ, моҳидорӣ ва шикор | 16. Кишоварзӣ | Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| | 17. Моҳидорӣ | Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 11. Саноат ва сохтмон | 18. Саноати кӯҳӣ | Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| | 19. Сиёсати саноат | Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| | 20. Сохтмон | Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати умҳурии Тоҷикстон |
| 12. Нақлиёт ва коммуникатсия | 21. Нақлиёт ва коммуникатсия | Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон |

7. Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ (ВМКБ, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ) дар раванди омода намудани лоиҳаи буҷети давлатӣ дар ҳамкорӣ бо ТАМБ-ҳои пешбаранда мутобиқи Нақшаи тақвимии ташаккули нишондиҳандаҳои Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2025-2027 муқаррар гардидаанд, иштирок мекунанд.

8. Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон нишондиҳандаҳои самтҳои дигари сиёсати хароҷоти буҷети давлатиро, ки дар ҷадвали 1 нишон дода нашудааст, муайян менамояд.

9. Мувофиқи муқаррароти қисми 3 моддаи 32 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ТАМБ-ҳои пешбаранда тибқи ҷадвали 1 амалӣ намудани чорабиниҳои зеринро таъмин менамоянд:

- стратегияи миёнамуҳлати хароҷоти буҷети соҳаи дахлдорро таҳия ва ба Вазорати молия пешниҳод менамоянд;
- барои амалӣ намудани самтҳои нави афзалиятноки сиёсати давлатӣ дар соҳаи дахлдор гурӯҳи кории байниидоравӣ таъсис дода, дархости хароҷоти онро таҳия намуда, ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон манзур менамоянд;
- тибқи тартиби муқаррарнамудаи Дастурамали мазкур буҷети заминавии соҳаро таҳия менамоянд;
- хароҷоти сармоягузории соҳаро ба нақша мегиранд.

## 2. НАҚШАИ ТАҚВИМИИ ТАҲИЯИ НИШОНДИҲАНДАҲОИ БУҶЕТИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛҲОИ 2025-2027

| № | Чорабиниҳо | Муҳлати ниҳоӣ | Мақомоти масъул давлатӣ |
|---|---|---|---|
| 1. | Арзёбии пешакии дурнамои нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодӣ барои солҳои 2025-2027 (замимаи 1) | 1 марти соли 2024 | Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 2. | Лоиҳаи Нақшаи миёнамуҳлати сармоягузорӣ (замимаи 2, шакли 2,3-2,5) | 1 марти соли 2024 | Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 3. | Ба ТАМБ-ҳои соҳавӣ пешниҳод намудани намудани нишондиҳандаҳои заминавии сармоягузории асосии мутамарказ | 20 марти соли 2024 | Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 4. | Пешниоҳоди маълумот оид ба воридоти андозию ғайриандозӣ ва имтиёзҳои андозии татбиқшудаи соҳавӣ дар доираи талаботи фармоиши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №7-ф аз 17 феврали соли 2024 | 1 апрели соли 2024 | Вазорату идораҳои дахлдор |
| 5. | Пешниҳоди дархост ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои маблағгузории стратегияи миёнамуҳлати соҳа (замимаи № 2) | 15 апрели соли 2024 | ТАМБ-ҳои пешбаранда |
| 6. | Муайян ва пешниход намудани ҳадди ниҳоии хароҷоти пешакӣ аз рӯйи самти хароҷот ва соҳаҳо (замимаи №3) | 22 апрели соли 2024 | Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 7. | Ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудани тафсирҳо оид ба мавҷудияти масъалаҳои баҳснок оид ба тадбирхои нави буҷети | 26 апрели соли 2024 | ТАМБ-ҳои пешбаранда |
| 8. | Муҳокимаи буҷетӣ оид ба ҳадди ниҳоии хароҷот (нишондиххандаҳои хисобии харочоти заминави ва маблаггузории тадбирхои нав) | 2-6 майи 2024 | Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ТАМБ |
| 9. | Пешниҳод намудани лоиҳаи самтҳои асосии сиёсати давлатии молиявию буҷетӣ ва андозӣ барои солҳои 2025-2027 ба Комиссияи доимоамалкунандаи буҷетии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | 20 майи соли 2024 | Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 10. | Тасдиқи Дастурамал оид ба таҳияи марҳилаи дуюми ҷараёни буҷет, ҷойгир намудани он дар сомонаи расмии вазорат ва расонидани он ба ТАМБ ва дигар иштирокчиёни ҷараёни буҷетӣ | то 10 июн соли 2024 | Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон |

10. Дар раванди марҳилаи якуми ҷараёни таҳияи лоиҳаи буҷети давлатӣ аз ҷониби ТАМБ (вазорату идораҳо) гурӯҳи корӣ таъсис дода шуда, ҳуҷҷатҳои муқарраршуда бо протоколи гурӯҳи корӣ дар шакли чопӣ ва электронӣ ба гурӯҳи кории байниидоравии буҷетии назди Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои қабули қарор пешниҳод карда мешавад.

11. Вазорату идораҳо доир ба таҳлили 3 солаи афзоишитағйирёбии маблағҳои махсус аз ҳисоби хизматрасониҳои соҳавӣ, давлатӣ ва таъмини онҳо дар шакли ҷадвал ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон то 10 марти соли 2024 пешниҳод намоянд.

12. Ҳангоми риоя накардани муҳлатҳо ва пешниҳод нагардидани дархостҳои буҷетӣ аз ҷониби вазорату идораҳои соҳавӣ, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ дорад мустақилона дар лоиҳаи буҷети давлатӣ барои солҳои 2025-2027 маълумоти вазорату идораҳои дахлдорро дар асоси нишондиҳандаҳои буҷети тасдиқшудаи соли 2024 барои ин ташкилот ворид намояд.

13. Пешниҳоди ТАМБ-ҳои пешбаранда дар доираи нишондихандаҳои индикативии хароҷоти соҳаҳо тибқи ҷадвали 2 таҳия карда мешаванд.

Ҷадвали 2. Нишондихандаҳои индикативии хароҷот дар бахшҳои буҷетӣ барои солҳои 2025-2027

| Соха | Соли 2024 | Соли 2025 | Соли 2026 | Соли 2027 |
|---|---|---|---|---|
| 01-Бахши ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ | 1 956 047 | 2 274 843 | 2 603 360 | 2 979 319 |
| 02-Мудофиа | 2 210 003 | 2 286 767 | 2 569 766 | 2 887 786 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 03-Мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва тартиботи ҳуқуқӣ | 2 137 047 | 2 210 322 | 2 299 608 | 2 529 569 |
| 04-Маориф | 9 226 806 | 11 244 504 | 12 859 174 | 14 705 705 |
| 05-Тандурустӣ | 3 891 993 | 4 581 746 | 5 032 568 | 5 527 749 |
| 06- Суғуртаи иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ | 5 553 917 | 6 316 684 | 7 591 148 | 9 122 750 |
| 07- Хоҷагии манзилию коммуналӣ, муҳити зист ва хоҷагии ҷангал | 1 836 929 | 1 710 280 | 1 546 707 | 1 701 377 |
| 08- Фарҳанг ва варзиш | 1 769 736 | 1 781 758 | 1 931 840 | 2 144 343 |
| 09- Комплекси сӯзишворию энергетикӣ | 8 125 458 | 9 141 515 | 10 713 218 | 12 555 145 |
| 10- Кишоварзӣ, моҳидорӣ ва шикор | 1 442 722 | 1 961 417 | 2 051 537 | 2 256 690 |
| 11- Саноат ва сохтмон | 317 041 | 340 110 | 381 536 | 428 009 |
| 12- Нақлиёт ва коммуникатсия | 3 540 608 | 3 280 456 | 2 492 930 | 2 767 152 |

14. Нишондиҳандаҳои пешниҳодшаванда метавонанд дар фосилаи 10-12% хароҷоти мазкур кам ё зиёд ҳисоб гардида, тағйироти зиёда аз он дар ҷаласаи гурӯҳи кории буҷетии назди Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳокима карда мешавад.

15. Тартиби муҳокимаи буҷетӣ тибқи боби 8 Дастурамали мазкур амалӣ мегардад.

## 3. СОХТОРИ ЛОИҲАИ САМТҲОИ АСОСИИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯВИЮ БУҶЕТӢ ВА АНДОЗӢ БАРОИ СОЛҲОИ 2025-2027

16. Сохтори лоиҳаи самтҳои асосии давлатии молиявию буҷетӣ ва андозӣ қисм ва ҷузҳои зеринро дарбар мегирад:

***1. Тамоюли рушди макроиқтисодӣ ва чорчӯбаи макрофискалӣ***

а) тағйирот дар сиёсати давлатии андоз;

б) касри буҷет;

в) дурнамои даромади буҷети давлатӣ (аз рӯйи сатҳҳои низоми буҷетӣ) дар давраи миёнамуҳлат;

г) дурнамои хароҷоти буҷети давлатӣ аз рӯйи барномаҳои (зербарномаҳои) буҷетӣ дар давраи миёнамуҳлат;

д) матритсаи нишондиҳандаҳои Стратегияи милли рушди Чумхурии Точикистон барои давраи то соли 2030 (СМР), Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021- 2025 (БМР) ва Ҳадафҳои рушди устувор (ҲРУ) дар робита бо нишондиҳандаҳои буҷет;

е) қарзи давлатӣ ва хароҷот барои хизматрасонӣ ва пардохти қарзи давлатӣ дар давраи миёнамуҳлат, аз ҷумла аз рӯйи уҳдадориҳои кафолатҳои давлатӣ.

***2. Афзалиятҳои*** **буҷетии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи миёнамуҳлат**

- афзалиятҳои миёнамуҳлати буҷетӣ:

а) тавсифи ҳолати ҷорӣ;

б) ҳадафҳои стратегӣ ва вазифаҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи СМР, БМР ва ҲРУ;

в) барномаҳои соҳавӣ (дар асоси нақшаҳои миёнамуҳлати амал);

г) ҳадди ниҳоии хароҷот аз рӯйи соҳаҳо, самти хароҷот (аз рӯйи гурӯҳбандии вазифавӣ ва иқтисодӣ).

17. Чорчӯбаи миёнамуҳлати макрофискалӣ ҷадвали миқдориро дар бар мегирад, ки аз нуқтаи назари муносибати пайдарпай воситаи барои таҳияи ҷанбаҳои гуногуни сиёсати иқтисодии давлат мебошад. Дар чорчӯбаи меъёрҳои миёнамуҳлати макроиқтисодӣ ҷадвали нишондиҳандаи миёнамуҳлати фискалӣ ташаккул дода мешавад, ки нишондиҳандаҳои даромад ва хароҷоти буҷетро инъикос менамояд.

18. Дурнамои даромади буҷети давлатӣ тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, кодексҳои андоз ва гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон” “Дар бораи боҷи давлатӣ” ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Дастурамал оид ба дурнамои даромадҳои буҷети давлатӣ, ки аз ҷониби Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, амалӣ мегардад. Дурнамои даромади буҷет тавассути таснифи воридоти андоз байни сатҳҳои низоми буҷетӣ амалӣ карда мешавад.

Дурнамои даромадҳои буҷети давлатӣ дар давраи миёнамуҳлат, бо дарназардошти асосҳои мавҷудбуда, шарҳи фарқияти асосии он аз дурнамои лоиҳаи буҷети соли 2024, инчунин арзёбии таъсири ҳамаи тағйироти андозии пешниҳодшуда дар сиёсати даромад ва хароҷот таҳия мегардад.

19. Хадди ниҳоии хароҷоти соҳаҳо (бахшҳо) дар асоси чорчӯбаи миёнамуҳлати фискалӣ (ЧМФ) муайян гардида, нишондиҳандаҳои зеринро дар бар мегирад:

- нишондиҳандаҳои ҳисобии буҷети заминавӣ аз рӯйи самтҳои сиёсати хароҷоти давлатӣ;

- ташаббусҳои нави буҷетӣ (тадбирҳои сиёсат), ки дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ба афзалиятҳо асос ёфта, мутобиқи Матрисаи амали Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021- 2025, ҲРУ ва барномаҳо, стратегияҳои ҷории миллӣ ва соҳавӣ муайян карда шудаанд;

- натиҷаҳои таҳлили ташаббусҳои нави буҷетӣ (тадбирҳои сиёсӣ), барномаҳои соҳавӣ, стратегияҳое, ки вазъи гурӯҳҳои гуногуни шаҳрвандон ва сатҳи эҳтиёҷотро инъикос мекунанд;

20. Маълумот дар бораи тақсимоти соҳавии хароҷоти буҷет бо шарҳи сиёсати буҷетӣ аз рӯйи соҳаҳо пурра карда мешавад (шаклҳо, тартиб ва дастурҳои оид ба таҳияи пешниҳод тибқи замимаи № 2)

21. Ҳадди ниҳоии хароҷот аз рӯйи соҳаҳо, ки аз ҷониби Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва аз ҷониби Комиссияи доимоамалкунандаи буҷетии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маъқул дониста шуда, дар муддати 7 рӯз пас аз маъқул донистани он дар сомонаи расмии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир карда мешавад.

## 4. ТАШКИЛИ ҶАРАЁНИ МАРҲИЛАИ СТРАТЕГИИ БАНАҚШАГИРИИ БУҶЕТ АЗ РӮИ СОҲАҲО

22. ТАМБ-ҳои пешбаранда (мутобиқи ҷадвали №1), дархост барои маблағгузории Стратегияи миёнамуҳлати хароҷотро (дархости ) аз рӯйи самтҳои сиёсати хароҷоти давлатӣ таҳия менамоянд.

23. Намунаҳо барои омода намудани Барномаи миёнамуҳлати хароҷоти асоси дар замимаи №2 мутобиқи сохтори зерин таҳия карда мешаванд:




24. ТАМБ-ҳои пешбаранда бо мақсади амалӣ намудани марҳилаи стратегии банақшагирии буҷет гурӯҳҳои кории байниидоравиро таъсис медиҳанд.

25. Ба ҳайати гурӯҳҳои корӣ намояндагони вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ки барномаҳои буҷетиро дар доираи маблағгузории самти дахлдори хароҷот амалӣ менамоянд, шомил карда мешаванд.

## 5. ҲИСОБИ БУҶЕТИ ЗАМИНАВӢ

26. Буҷети заминавӣ танҳо хароҷотеро дар бар мегирад, ки барои амалӣ намудани сиёсати давлатӣ дар доираи қонунгузории амалкунанда ва бо риояи талаботе, ки барои фаъолияти ташкилотҳои буҷетӣ дар соли молиявӣ мушаххас муайян гардидаанд.

27. Буҷети заминавӣ аз хароҷоти буҷетие, ки сиёсати ҷориро инъикос менамояд ва пардохтҳои ҳатмие, ки аз солҳои гузашта бармеоянд, иборат мебошад. Ухдадориҳо метавонанд ду намуд шаванд:

1. уҳдадориҳои қонунӣ – дар қонунгузорӣ пешбинишуда
2. уҳдадориҳое, ки дар ҳолати ба имзо расонидани шартномаҳои зиёда аз як соли молиявиро фарогиранда, ба вуҷуд омадаанд.

28. Буҷети заминавӣ аз ҷониби Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, хароҷоти заминавии ҷорӣ ва асосиро аз рӯйи соҳаҳо дар бар мегирад.

29. ТАМБ-ҳои пешбаранда ҳисоби хароҷоти ҷории заминавии соҳаи дахлдор, аз ҷумла хароҷоти ҷамъбастии буҷети маҳаллиро амалӣ намуда, дар муҳлатҳои муқарраргардида ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамоянд.

30. Ҷараёни таҳияи буҷети заминавӣ аз рӯйи соҳаҳо чорабиниҳои зеринро дар бар мегирад:

- таҳлили сиёсати соҳавӣ, ки маълумот дар бораи вазъи гурӯҳҳои гуногуни шаҳрвандонро нишон медиҳад;
- маълумот оид ба ҳамаи намуди фаъолият;
- маълумот оид ба нишондиҳандаҳо ва индикаторҳои иҷрои ҳар як самти фаъолият (дар робита бо нишондиҳандаҳои ҲРУва дар мавридҳои зарурӣ - нишондиҳандаҳои тақсимоти гендерӣ);
- баҳодиҳии сатҳи заминавии хароҷот аз рӯйи гурӯҳбандии буҷетӣ (гурӯҳи дуюми ГВБ).

31. Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар якҷоягӣ бо Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳодиҳии хароҷоти заминавии сармоягузориро амалӣ менамояд. Дар ҳисоби буҷети заминавӣ лоиҳаҳои амалкунандаи сармоягузорӣ ва иншоотҳои сармоягузории давлатӣ, ки нисбати онҳо ухдадориҳои ҳуқуқӣ (шартнома) вуҷуд доранд, дохил карда мешаванд.

32. Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон то 3 апрели соли 2024 маблағи қарз, грант ва ҳиссаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ аз руйи (замимаи №2) дар якҷоягӣ бо марказҳо ва гуруҳҳои татбиқшавандаи лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ барои соли дахлдорро тибқи тартиби муқарраргардида таҳия ва ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд.

33. Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ТАМБ-ҳои пешбаранда нишондиҳандаҳои хароҷоти заминавии сармоягузориро аз рӯйи ҳар соҳа пешниҳод менамояд.

34. ТАМБ-ҳои пешбаранда дар асоси маълумоти пешниҳодгардида, хароҷоти ҷории дарпешистодаро барои иншоотҳое, ки ба истифода додани онҳо дар давраи миёнамуҳлат ба нақша гирифта шудааст, баҳогузорӣ менамоянд.

35. Ҳисоби хароҷоти заминавии буҷетҳои маҳаллӣ аз рӯйи соҳаҳо дар якҷояги бо ТАМБ-ҳои пешбаранда ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ мутобиқи талаботи дастурамалҳои соҳавӣ ё дигар тартиби пешбинишуда ба роҳ монда мешавад.

36. Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати самаранокии банақшагирии сарикасӣ, дар ҳамкорӣ бо мақомоти асноди ҳолати шаҳрвандӣ рӯйхати кӯдакони синни томактабӣ, то 1 марти соли 2024 дар ҳамкорӣ бо дигар мақомоти дахлдор рӯйхати шумораи тарбиятгирандагон ва хонандагони ҳамаи зинаи таҳсилотро ба ҳолати 1 январи соли 2024 аз рӯи шаҳру ноҳияҳо дар алоҳидагӣ ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намояд.

37. Вазорати маориф ва илм ҳамчун мақоми ваколатдор дар доираи шумораи пешбинишудаи довталабон ҳаҷми маблағгузориро ҷиҳати тайёр намудани мутахассисон дар давлатҳои хориҷӣ тибқи Стипендияи Дурахшандагон дархост пешниҳод менамояд.

38. Тартиби ҳисоб, шаклҳо ва талаботи асосӣ барои ҳисоби хароҷоти заминавӣ, аз ҷумла сармоягузорӣ, тибқи замимаи №2 амалӣ мегардад.

39. Принсипҳои умумии муайянкунии хароҷоти заминавӣ:

- таҳияи ҳисобҳо дар асоси хароҷоти соли ҷорӣ, ки ҳамчун «соли заминавӣ» гирифта шуда, пешакӣ бо дарназардошти чорабиниҳои (хароҷоти) алоҳида ва истисноӣ тағйирёфта ё «замина»-и ҳисобҳо дурнамои охирини нишондиҳандаҳои буҷетӣ (барои соли оянда) ба инобат гирифта мешавад;
- баҳисобгирии ҳамаи лоиҳаҳои сармоягузории мавҷуда, ки дорои уҳдадориҳои ҳуқуқӣ мебошанд;
- баҳисобгирии талаботи гурӯҳҳои гуногуни шаҳрвандон, махсусан аз ҳисоби осебпазири аҳолӣ, ба хизматрасониҳои давлатӣ;
- муайян намудани алоқамандии хароҷоти асосӣ (сармоягузориҳо) бо хароҷоти ҷорӣ.

## 6. ДАРХОСТҲО БАРОИ МАБЛАҒГУЗОРИИ ТАШАББУСИ НАВ

40. Дархостҳо барои маблағгузории ташаббусҳои нав дар ҳолати мавҷуд будани ҳаҷми маблағи кофие, ки мумкин аст барои маблағгузории чорабиниҳои нав ва/ё васеъкунии чорабиниҳои татбиқшавандаи сиёсати давлатӣ равона гарданд, таҳия мегарданд.

41. Дархостҳо барои маблағгузории ташаббусҳои нав пешниҳоди маълумоти пурра ва мушаххасро оид ба чорабиниҳои банақшагирифташудаи соҳа дар давраи миёнамуҳлат, ки дар давраи ҳозира маблағгузорӣ карда намешаванд ё қисман маблағгузорӣ мегарданд, пешбинӣ менамоянд.

42. Дархост метавонад чорабиниҳои нав ё ин, ки васеъ намудани доираи фаъолияти сиёсати амалишавандаро дар бар гирад.

43. ТАМБ-ҳои пешбаранда на зиёда аз 3 дархости калидии ташаббусҳои буҷетиро барои давраи миёнамуҳлат (солҳои 2025-2027) ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муҳлати муқarrаргардида пешниҳод менамоянд.

44. Талаботи асосӣ барои пешниҳоди дархостҳо:

- мувофиқ бо афзалиятҳои калидии миллӣ, ки дар ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегии аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқгардида, инчунин (паёми солонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, стратегия ва барномаҳои milliву соҳавии қабулшуда муайян шудаанд;

- муайян намудани дараҷаи алоқамандӣ бо ҲРУ, муаррифии нишондиҳандаҳои ҲРУ, дар алоқамандӣ ба ин ташаббус;

- баҳодиҳии таъсири гендерии ташаббуси нав ба ҳуқуқҳо, мақом ва имкониятҳои гурӯҳҳои гуногуни шаҳрвандон, бахусус қишрҳои занони осебпазири аҳолӣ;

- дархостҳо барои ташаббусҳо (афзалиятнок)-и буҷетӣ бояд аз нуқтаи назари молиявӣ асоснок бошанд ва ба захираҳои пешбинишудаи буҷети давлатӣ мувофиқ бошанд. Ҳаҷми умумии ҳамаи дархостҳои самтҳои нав дар ҷамъ бо хароҷоти заминави, дар доираи нишондиҳандаҳои дар ҷадвали 2 муайяншуда зиёд набошад.

45. Дархостҳои ташаббусҳои буҷетии вазорату идораҳое, ки ба меъёрҳои болозикр ҷавобгӯ нестанд, ҳамчун ғайриқобили қабул эътироф карда мешаванд ва минбаъд баррасӣ намешаванд.

46. Ҳангоми баррасии дархост, Гурӯҳи кории байниидоравии буҷетии назди Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон имкониятҳои молиявии буҷетиро барои маблағгузории ташаббусҳои нав ба инобат мегирад.

47. Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дархостҳои интихобгардидаро ба ТАМБ дар муҳлати муқарраргардида то баргузории муҳокимаи буҷетӣ пешниҳод менамояд.

48. ТАМБ-ҳои пешбаранда оид ба мавҷуд будани масъалаҳои ҳалталаб аз рӯйи дархостҳои пешниҳодгардида, дар муҳлати муқарраргардида ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мактуб ирсол менамоянд, ки онҳо дар муҳокимаи буҷетӣ баррасӣ мегарданд.

49. Қарор оид ба қабул ва пешниҳоди минбаъдаи номгӯи дархостҳои қабулшуда ба Комиссияи доимоамалкунандаи буҷетии назди Ҳукумати

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Гурӯҳи кории байниидоравии буҷетии назди Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда мешавад.

50. Масъалаҳое, ки ҳалли худро дар сатҳи Гурӯҳи кории байниидоравии буҷетии назди Вазорати молия наёфтанд, ба рӯзномаи ҷаласаи Комиссияи доимоамалкунандаи буҷетии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои баррасии минбаъда ва қабули қарор ворид карда мешаванд.

51. Ташаббусҳои соҳавӣ дархостгардида аз ҷониби Комиссияи доимоамалкунандаи буҷетии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маъқул карда мешаванд.

52. Тартиби ҳисоб, шакл ва талаботи асосӣ оид ба таҳияи дархостҳо барои ташаббусҳои нав тибқи замимаи №2 амалӣ карда мешаванд.

## 7. ҲИСОБҲО ВА ТАҚСИМОТИ ҲАДДИ НИҲОИИ ХАРОҶОТ АЗ РӮЙИ СОҲАҲО

53. Ҳадди ниҳоии хароҷоти соҳаҳо дар асоси ҳисоби хароҷоти заминавии самтҳои асосии сиёсати хароҷоти давлатӣ, ки аз ҷониби ТАМБ-ҳои пешбаранда таҳия мегарданд, ташаккул меёбанд.

54. Тақсимоти хароҷоти буҷет аз рӯйи соҳаҳо ва муайян намудани ҳадди ниҳоии он алоқаи байни марҳилаҳои якум ва дуюми таҳияи буҷет, яъне таҳияи лоиҳаҳои буҷети солонаро муайян менамояд.

55. Дар лоиҳаи самтҳои асосии сиёсати давлатии молиявию буҷетӣ ва андозӣ хароҷот ба таври зайл нишон дода мешавад:

- нақшаҳои хароҷоти соҳавӣ (ҳадди ниҳоии хароҷот аз рӯйи соҳа ва самтҳои сиёсати хароҷоти давлатӣ);
- тақсимоти маҷмӯи хароҷот аз рӯйи категорияҳои асосии иқтисодӣ.

56. Ҳадди ниҳоии хароҷоти буҷет дар асоси дурнамои макрофискалӣ ва дурнамои даромади буҷети давлатӣ ташаккул ёфта, ҳамоҳангиро байни нишондиҳандаҳои буҷети заминавӣ ва маблағи барои татбиқи лоиҳаҳои нави сармоягузории банақшагирифташуда дар бар мегирад.

57. Хароҷоти аз ҷониби Комиссияи доимоамалкунандаи буҷетии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маъқулдонисташуда, ҳадди ниҳоӣ буда, ҳаҷми умумии захираҳои молиявиро барои ҳар як соҳа муқаррар менамояд.

